**Намуна**

# ШАРТНОМАИ ТАЪСИСИИ

Коллегияи адвокатҳои ____________________________________

Мо, адвокатҳо, ки маълумот дар бораи мо ба Феҳристи ягонаи адвокатҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудааст, Шартномаи муассисии мазкурро бо мақсади дар асоси ҳуҷҷат қайд кардани ихтиёрамон, оиди дар шаҳри Душанбе ташкил кардани Коллегияи адвокатҳо ва минбаъд дар ҳайати он фаъолият намудан тибқи мақсаду мавқеи фаъолияти он, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» пешбинӣ карда шудааст ва Оинномаи Коллегияи аз тарафи мо тасдиқмегардида,бастем.

Муассисони Коллегияи адвокатҳо (тарафҳо аз рӯи шартномаи мазкур) инҳоянд:

1. ______________________________, дорандаи шиносномаи силсилаи___№________, ки аз тарафи ШВКД ноҳияи _________________________________________________, дода шудааст, №___ дар Феҳристи ягона, шаҳодатномаи адвокатии №_____;
2. ___________________________, дорандаи шиносномаи силсилаи___№________, ки аз тарафи ШВКД ноҳияи ______________________________________________________, дода шудааст, №___ дар Феҳристи ягона, шаҳодатномаи адвокатии №_____;
3. ______________________________, дорандаи шиносномаи силсилаи___№________, ки аз тарафи ШВКД ноҳияи ______________________________________________________, дода шудааст, №___ дар Феҳристи ягона, шаҳодатномаи адвокатии №____;
4. ______________________________, дорандаи шиносномаи силсилаи___№________, ки аз тарафи ШВКД ноҳияи ______________________________________________________, дода шудааст, №___ дар Феҳристи ягона, шаҳодатномаи адвокатии №_____;
5. ______________________________, дорандаи шиносномаи силсилаи___№________, ки аз тарафи ШВКД ноҳияи ______________________________________________________, дода шудааст, №___ дар Феҳристи ягона, шаҳодатномаи адвокатии №_____;

Мафҳумҳое, ки дар Шартномаи мазкур дар шакли "Муассис", "Иштирокчӣ", "Аъзои Коллегия" вомехӯранд, ҳаммаъно буда, дар вазъи ҳуқуқӣ ягон фарқияте надоранд.

Шартномаи муассисии мазкур:

- ном ва мақоми Коллегияи адвокатҳо, маҳалли ҷойгиршавии он, маълумот дар бораи муассисон;
- шартҳои ба Фонди оинномавии Коллегияи адвокатҳо додани амвол аз тарафи адвокатҳо;
- тартиби иштироки адвокатҳо дар идоракунии фаъолияти Коллегияи адвокатҳо;
- тартиб ва шартҳои қабули аъзоёни нав ба Коллегияи адвокатҳо;
- тартиби истифодабарии моликияти умумии Коллегияи адвокатҳо аз тарафи аъзоёни он;
- ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои муассисон (аъзоён)-и Коллегияи адвокатҳо;
- тартиб ва шартҳои аз ҳайати Коллегияи адвокатҳо баромадани муассисон (аъзоён)-и он;
- дигар масъалаҳои фаъолияти Коллегияи адвокатҳоро, муайян менамояд.

1. *Ном, маҳалли ҷойгиршавӣ ва мақоми ҳуқуқии Коллегия*

Номи Коллегия бо забони давлатӣ: «Коллегияи адвокатҳои № 1 ш. Душанбе.
Ба забони русӣ: Коллегия адвокатов № 1 г.Душанбе.
Ба забони англисӣ: Collegium of Lawyers №1 city of Dushanbe

**1.1.** Маҳалли ҷойгиршавии Коллегия ва суроғаи ҳуқуқии он: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Н. Қаробоев, б.10 ҳ.18, ошёнаи аввал.

**1.2.** Коллегия ташкилоти ғайритиҷоратии ҳуқуқшиносон-адвокатҳо мебошад, ки бо мақсади расонидани ёрии ҳуқуқӣ муттаҳид шудаанд, дар асоси аъзогӣ тибқи талаботи Оинномаи аз тарафи муассисон (аъзоён)-и он қабул карда шуда ва Шартномаи таъсисии мазкур, ки дар асоси принсипҳои қонуният, мустақилият, худидоракунӣ, корпоративӣ ва баробарҳуқуқии адвокатҳо баста шудааст, амал мекунанд. Коллегия ҳуқуқҳои шахси юридикиро аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш соҳиб мешавад.

*2. Фонди оинномавӣ.*

**2.1.** Муассисон ҳангоми таъсис додани Коллегия ба моликияти он моликияти худро дар намуди маблағи пулӣ, ки аз ҳисоби он Фонди оинномавии Коллегия ташкил карда мешавад, медиҳанд. Фонди оинномавии Коллегия бо мақсади таъмин намудани фаъолияти он ташкил карда мешавад.

**2.2.** Фонди оинномавӣ ба миқдори _______________ сомонӣ ташкил карда мешавад. Андозаи ҳиссаи адвокат _______________ __________ сомониро ташкил мекунад, ба _______ % Фонди оинномавӣ баробар аст. Андозаи ҳиссаи адвокат _______________ __________ сомониро ташкил мекунад, ба _______ % Фонди оинномавӣ баробар аст. Андозаи ҳиссаи адвокат _________________ __________ сомониро ташкил мекунад, ба _______ % Фонди оинномавӣ баробар аст. Андозаи ҳиссаи адвокат _____________ __________ сомониро ташкил мекунад, ба _______ % Фонди оинномавӣ баробар аст. Андозаи ҳиссаи адвокат _________________ __________ сомониро ташкил мекунад, ба _______ % Фонди оинномавӣ баробар аст.

**2.3.** Ҳиссаҳо дар муддати на дертар аз 3 (се) моҳ аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шудани Коллегия бо роҳи ғайринақдӣ ба суратҳисоби он дар бонк ва ё ба хазина бо роҳи нақдӣ пардохт карда мешавад. Муассисоне, ки дар муддати 3 (се) моҳ аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифтани Коллегия ҳиссаи худро пурра пардохт накардаанд, дар асоси ҳамин банди Шартномаи муассисӣ бо қарори мақоми олии Коллегия аз аъзогии он хориҷ карда мешаванд. Моликияте, ки аз тарафи Муассисони Коллегияи адвокатҳо ба сифати ҳисса ворид карда шудааст, ба Коллегия дар асоси ҳуқуқӣ моликият тааллуқ дорад.

*3. Тартиби иштирок ва принсипҳои асосии фаъолияти адвокатҳо дар Коллегия.*

**3.1.** Дар кори Коллегия иштирок намуда, адвокатҳо дар асоси қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тохикистон, принсипҳои фаъолият ва дигар талаботҳои Шартномаи мазкур ва Оинномаи Коллегия амал менамоянд.

Аъзоёни Коллегияи адвокатҳо дар фаъолияти он дар шаклҳои зерин иштирок мекунанд:

- расонидани ёрии ҳуқуқии касбӣ, бо роҳи додани маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ба муштариён; бо роҳи расондани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон, аз он ҷумла, дар шакли ҳимояи ҳуқуқ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ, намояндагӣ дар парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ, парвандаҳое, ки аз тарафи судҳои ҳакамӣ баррасӣ карда мешаванд; бо роҳи расонидани дигар ёрии ҳуқуқӣ ба ташкилотҳо ва шаҳрванон;
- расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ташкилотҳо (хизматрасонии ҳуқуқӣ) бо роҳи иҷро кардани вазифаҳои маслиҳатчӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;
- кор ва иштирок дар мақомоти доимамалкунандаи Коллегия, ки мақоми олӣ ва иҷроияи Коллегия тибқи талаботи Оиннома таъсис додаанд;
- иштирок дар навбатдории адвокатҳои Коллегия мувофиқи ҷадвали навбатдорӣ, ки роҳбарияти Коллегия тартиб додааст;

- иштирок дар машваратҳои адвокатҳо, ки роҳбарияти Коллегия бо мақсади муҳокима кардани масъалаҳои нисбатан мураккаби ҳуқуқии бо таҷрибаи судӣ, тафтишотӣ, таҷрибаи ҳимояи адвокатӣ ва дигар масъалаҳо оиди татбиқи қонунҳо ва ё методикаи ҳимояи (намояндагии) шаҳрвандон ва ташкилотҳо;
- иштирок дар миёни аъзоёни Коллегия паҳн кардани таҷрибаи мусбии кори адвокатҳо дар раванди ҳимояи (намояндагии) шаҳрвандон ва ташкилотҳо;
- иштирок дар иттилоъ додан ба омма тавассути воситаҳои ахбори умум дар бораи проблемаҳои муҳими фаъолияти адвокатура, риоя намудан ва ҳимоя кардани ҳуқуқҳои инсон;
- иштирок кардан дар дастгирии молиявии (моддии) Коллегия ва Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби мукофотпулиҳои аз расонидани ёрии ҳуқуқӣ тибқи тартиб ва шартҳои бо Оинномаи Коллегия ва мақоми олии идоракунии он муқаррар кардашуда, гирифтааш;
- иштирок дар тайёркунӣ (таҷрибаомузии) мутахассисони ҷавон барои адвокатура тибқи тартиб ва шартҳои бо Оинномаи Коллегия ва мақоми олии идоракунии он муқаррар кардашуда;
- иштирок дар иҷрои корҳои дигар, тибқи супоришҳои мақоми олии идоракунии Коллегия ва ҷомеаи адвокатӣ.

**3.2.** Адвокат дар муносибатҳо бо мизоҷон (ваколатдиҳандагон) танҳо дар асоси созишномаи (шартномаҳои супориш ва ё шартномаҳо дар бораи хизматрасонии пулакӣ), ки шахсан бастааст, амал мекунад. Дар ҳолати иштирок кардан дар мурофиаҳои судӣ ва дигар ҳолатҳои бо қонун ё созишнома бо ваколатдиҳанда, ба адвокат ордер (ваколатнома) дода мешавад. Дар ҳолати иштирок кардан дар истеҳсолоти парвандаҳои ҷиноятӣ бо талаботи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва ё суд, адвокат дар асоси супориши мақомоти иҷроияи Коллегия ва ордер амал мекунад. Адвокат дар муносибатҳо бо мизоҷон (ваколатдиҳандагон) аз номи худаш амал карда дар назди онҳо барои сифати хизмати расонидааш масъулияти шахсӣ дорад. Маблағи, ҳангоми бо адвокат бастани созишнома ба сифати пешпардохт пардохтнамудаи мизоҷ (ваколатдиҳанда), дар сурати бекор кардани созишнома баргардонида намешавад. Масъалаҳои ҳисоббаробаркунӣ бо мизоҷ дар дигар ҳолатҳо бо тартиби дар созишнома пешбинӣ кардашуда ҳал карда мешавад.

**3.3.** Адвокатҳо (аъзоёни Коллегия) ҳуқуқ доранд Фондҳоро барои рушди базаи моддии хусусии Коллегия, тайёр кардани мутахассисони ҷавон, мукофотонидани адвокатҳои пешсаф ва дигар мақсадҳо, ташкил кунанд. Тартиби ташкил кардани фондҳои Коллегия тариқи Оиннома ва Қарорҳои мақомоти олии идоракунии Коллегия муайян карда мешавад. Коллегия, ҳуқуқ дорад ҳуқуқҳои моддӣ ва ғайримоддиро, ки барои расидан ба мақсадҳои дар Шартномаи мазкур ва Оинномаи Коллегия пешбинӣ карда шудаанд, харидорӣ намояд.

**3.4.** Коллегия мустақилона нақшаҳои фаъолияти худро вобаста ба вазифаҳои дар наздаш истода ва талабот ба хизматрасонии адвоктҳои

Коллегия, коркард ва тасдиқ менамояд. Коллегия мустақилона сметаи даромаду хароҷотҳои худро коркард ва тасдиқ менамояд. Аъзоёни Коллегияи адвокатҳо аз рӯи ӯҳдадориҳои Коллегия, ва Коллегия аз рӯи ӯҳдадориҳои аъзоёни худ ҷавобгар нестанд.

4. Тартиб ва шартҳои қабули аъзоёни нав ба Коллегияи адвокатҳо ва баромадан аз ҳайати он. Ба даст овардани мақоми аъзои Коллегияи адвокатҳо.

**4.1.** Аъзои Коллегияи адвокатҳо шахсе буда метавонад, ки тибқи тартиби муайяннамудаи Қонун мақоми адвокатро соҳиб шудааст ва ба аъзогии Коллегияи адвокатҳо тибқи тартиби муайяннамудаи ҳамин Шартнома ва Оинномаи Коллегия қабул карда шудааст. Шахсоне, ки ҳатто агар мақоми адвокатиро соҳиб шуда бошанд ҳам, аъзои Коллегияи адвокатҳо буда наметавонанд, агар тибқи тартиби муайяннамудаи ҳамин Шартнома ва Оинномаи Коллегия ба аъзогии Коллегия қабул карда нашуда бошанд.

**4.2.** Ба Коллегияи адвокатҳо шахс ба шарте қабул карда мешаванд, ки агар онҳо ба талаботҳои ба аъзоёни Коллегия пешниҳодшавандаи муайяннамудаи Оинномаи Коллегия ҷавобгу бошанд. Шахси ба талаботҳои пешниҳодшаванда ҷавобгу, ҳуқуқ дорад ба мақомоти иҷроияи Коллегия бо ариза дар бораи қабул кардани ё ба аъзогии Коллегияи адвокатҳо бо пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои лозима, ки номгӯи онҳо дар Оинномаи Коллегия муқаррар карда шудаанд, муроҷиат намояд. Пас аз ба анҷом расонидани санҷиш, мақомоти иҷроияи Коллегия оиди ба Раёсат пешниҳод кардан ё накардани довталаб барои интихоб кардани ё ба аъзогии Коллегияи адвокатҳо қарор қабул менамояд. Қарор дар бораи интихоб кардани адвокат ба аъзогии Коллегия аз тарафи Раёсати Коллегияи адвокатҳо тибқи тартиби муайяннамудаи Оинномаи Коллегия қабул карда мешавад.

*4.3.* Аз Коллегия баромадани адвокат, тибқи тартиби муайяннамудаи Оинномаи Коллегияи адвокатҳо, амалӣ карда мешавад.

*5. Тартиби истифодабарии амволи Коллегия аз тарафи аъзоёни он*

*5.1.* Аъзоёни Коллегия аз амволи он дар асоси соҳибдории корпоративӣ ин амвол истифода мекунанд.

*5.2.* Соҳибдории корпоративии амвол, дар моликияти умумии адвокатҳо будани онро пешбинӣ наменамояд, зеро ки амволи Коллегияи адвокатҳо амволи корпоративӣ, яъне амволи аз тарафи адвокатҳо ба корпоратсияи худашон – Коллегияи адвокатҳо супоридашуда мебошад.

*5.3.* Истифодабарии амволи Коллегия аз тарафи адвокатҳо дар асоси муносибати эҳтиёткоронаи ҳар як адвокат ба он, муносибати сазовор ва сарфакорона амалӣ карда мешавад.

*5.4.* Аз аъзогии Коллегия баромадани адвокат аз амволи Коллегия ҷудо кардани ҳиссаи ӯро ва ё дигар ҳисоббаробаркуниро оид ба ҷуброни арзиши он пешбинӣ намекунад.

*6. Мақомоти идоракунии Коллегия*

**6.1.** Коллегия мустақилона сохтори худро муайян мекунад. Мақомоти олии Коллегияи адвокатҳо маҷлиси умумии аъзоёни он мебошад. Мақомоти доимамалкунандаи дастаҷамъонаи Коллегия Раёсат мебошад.

**6.2.** Санҷиши фаъолияти молӣ ва хоҷагидории Коллегиро комиссияи тафтишоти-ревизионӣ амалӣ менамояд, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Оинномаи Коллегияи адвокатҳо таъсис дода шуда амал менамояд.
Ваколатҳои Маҷлиси умумӣ, Раёсат, Раиси Коллегия ва ғайра, тартиби аз тарафи онҳо қабул кардани қарорро, Оинномаи Коллегияи адвокатҳо муайян менамояд.

*7. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Муассисон (аъзоёни) Коллегияи адвокатҳо*

*7.1.* Муассисон (аъзоёни) Коллегия ҳуқуқ доранд:

**7.1.1.** Дар идоракунии фаъолияти Коллегия тибқи тартиби аз тарафи Шартномаи мазкур ва Оинномаи Коллегия, иштирок намоянд;

**7.1.2.** Аз мақомоти идоракунии Коллегия маълумоти заруриро дар бораи фаъолияти он гиранд, бо маълумотҳои ҳисоб ва ҳисоботи муҳосибавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои Коллегия шинос шаванд.

***7.1.3***. Фаъолияти адвокатиро дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣнамоянд.
Дар мақомотҳои идоракунии Коллегия интихоб намоянд ва интихоб шаванд. Оид ба масъалаҳои фаъолияти Коллегия таклиф пешниҳод намоянд.

***7.1.4.*** Ҳангоми аз ҳайати Коллегияи адвокатҳо баромадан ё хориҷ шудан ба амволи он ҳуқуқи даъво карданро надоранд.

**7.2.** Аъзоёни Коллегияи адвокатҳо вазифадоранд:

**7.2.1.** Пардохтпулиҳои ҳатмиро барои таъминоти Коллегия тибқи тартиб ва андозаи муқаррарнамудаи Шартномаи мазкур ва Оинномаи Коллегия, пардохт намоянд.

**7.2.2.** Пардохтпулиҳои иловагии яккаратро тибқи тартиб ва андозаи муқаррарнамудаи Маҷлиси умумии аъзоёни Коллегияи адвокатҳо пардохт намоянд.

**7.2.3**. Қоидаҳои Шартномаи мазкур ва Оинномаи Коллегияро риоя намоянд.

**7.2.4**. Ӯҳдадориҳои ба зиммаи худ гирифтаро дар назди Коллегияи адвокатҳо ва ваколатдиҳанда софдилона иҷро намоянд.

**7.2.5.** Номгӯи пешбининамудаи моддаи мазкур ниҳоӣ нест. Аъзоёни Коллегияи адвокатҳо метавонанд аз дигар ҳуқуқҳо истифода баранд ва ӯҳдадориҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шартномаи мазкур ва Оинномаи Коллегияи адвокатҳо дошта бошанд.

*8. Махфият .*

**8.1.** Маълумотҳои дилхоҳи ба якдигар, инчунин ба Коллегияи адвокатҳо пешниҳод карда шавандаи бо расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ваколатдиҳандаи худ, новобаста аз он, ки ба тариқи хаттӣ инъикос гардидааст ё не, маълумоти махфӣ ба ҳисоб меравад ва ба шахсони сеюм, ғайр аз шахсони дар Коллегия фаъолияткунанда ва танҳо агар он ба ин шахсон барои иҷро кардани вазифаҳояшон оиди таъмин кардани фаъолияти Коллегия тибқи талаботи меъёрҳои Шартномаи мазкур ва Оинномаи Коллегия зарур бошад, ифшо карда намешаванд.

**8.2.** Иштирокчиён (аъзоён) ва Коллегияи адвокатҳо тамоми чораҳои зарурии оқилонаро барои пешгирии ҳолатҳои қисман ва ё пурра фош гардидани маълумоти махфӣ ва ё бо он шинос кардани шахсони сеюм ба истиснои шахсони дар банди 8.1. номбаркардашударо меандешанд.

*8.3.* Иштирокчиён (аъзоён) ва Коллегияи адвокатҳо барои вайрон кардани махфият аз тарафи шахсоне, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ бо онҳо қать карда шудааст, ҷавобгар мебошанд.

**8.4.** Ҳар яке аз иштирокчиён (аъзоён) вазифадор аст маълумоти дар банди *8.1.* пешбинишуда ва ё қисми онро бе розигии хаттии пешакии иштирокчии дигари ин маълумотро доро буда ё Коллегия, ки аз онҳо ин маълумотро гирифтааст, ба ягон мақсади шахсӣ истифода накунад. Инчунин кафолат медиҳад, ки шахсони сеюм низ чунин маълумотро истифода намекунанд. Иштирокчӣ дар сурати риоя накардани ӯҳдадориҳои тибқи бандҳои *7.2.1. – 7.2.4.* Шартномаи мазкур ба зиммаи худ гирифтааш ба дигар иштирокчиён ва ё Коллегияи адвокатҳо зарари расонидаашро ба пуррагӣ ҷуброн менамояд.

*9. Масъулият.*

**9.1.** Дар ҳолати аз тарафи Иштирокчӣ (аъзои Коллегия) иҷро накардан ва ё номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳои бо Шартномаи мазкур пешбинишуда, ӯ вазифадор аст ба дигар иштирокчиён, ки зарари дар натиҷаи чунин амалҳо (ё беамалӣ) расонида шударо ҷуброн намояд.

**9.2.** Иштирокчӣ (аъзои Коллегия), тибқи талаботи қонун, суғуртаи хавфи ҷавобгарии молиявии касбиашро барои вайрон кардани шартҳои созишномаи бо ваколатдиҳандааш оиди расонидани ёрии ҳуқуқӣ басташуда, амалӣ менамояд.

*10. Ҳолатҳои ғайри чашмдошт*

**10.1.** Иштирокчӣ (аъзои Коллегия) барои қисман ва ё пурра иҷро накардани уҳдадориҳои бо Шартномаи мазкур пешбинишуда, агар ин иҷро накардан баъди бастани Шартномаи мазкур дар натиҷаи қувваи рафънопазир, имконнопазир гаштааст, аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад.

*11. Баррасии баҳсҳо*

**11.1.** Ҳамаи баҳсҳо ва дигаргунфаҳмиҳое, ки метавонанд аз Шартномаи мазкур ва ё бо он алоқамандбуда ба миён меоянд, чун қоида, бо роҳи гуфтушуниди дӯстона байни Иштирокчиён ҳал карда мешавад. Дар ҳолати бо роҳи гуфтушуниди байни Иштирокчиён (аъзоёни Коллегия) ҳал нагардидани баҳсҳо ва дигаргунфаҳмиҳо, онҳо тибқи талаботи Оинномаи Коллегиява қонунгузории амалкунанда, ҳал карда мешавад.

*12.* ***Хабарнома ва огоҳиномаҳо***

**12.1.** Ҳамаи хабарнома ва огоҳиномаҳои ирсолмекардаи аъзоёни Коллегия тибқи Шартномаи мазкур ва ё бо он алоқаманд, бояд дар шакли хаттӣ тартиб дода шаванд ва тарзи зарурӣ ирсолкардашуда ба шумор меравaнд, агар онҳо ба тариқи мактуби фармоишӣ, тавассути телефон, телеграф, телефакс ва ё шахсан бо гирифтани имзои Муассисон (аъзоёни Коллегия) ё ба суроғаҳои дар Шартномаи мазкур нишондодашуда, равон карда шаванд.

**12.2.** Иштирокчиён (аъзоёни Коллегия) оиди иваз кардани суроғаи худ, вазифадоранд фавран якдигарро огоҳ намоянд.

*13. Ҳолатҳои дигар.*

**13.1.** Тағйироту иловаҳои дилхоҳ ба Шартномаи мазкур танҳо ба шарте қобили қабуланд, агар онҳо дар шакли хаттӣ содир шуда бошанд ва аз тарафи Иштирокчиён ва ё аз тарафи шахси ваколатдори онҳо имзо карда шуда бошанд. Оинномаи Коллегия қисми ҷудонашаваандаи Шартномаи мазкурро ташкил менамояд.

**13.2.** Агар бо ягон сабабе яке аз бахшҳои Шартномаи мазкур бекор гарданд, боиси бекор гардидани бахшҳои дигари он намегарданд. Бахши бекоргардида мувофиқи қонунгузории ҷорӣ аз Шартнома хориҷ ва ё иваз карда мешавад, бахшҳои боқимондаи Шартнома, амали худро давом медиҳад.

**13.3.** Иштирокчӣ метавонад баъд аз равон кардани огоҳиномаи хаттӣ дар бораи мақсади аз Шартнома баромаданаш, аз Шартномаи мазкур барояд. Дар ин ҳолат ин Иштирокчӣ ба амволи Коллегия ҳуқуқи даъво карданро надорад.

*14. Ба амал шуруъ кардан ва мӯҳлати амали Шартнома.*

**14.1.** Шартномаи мазкур аз лаҳзаи ба имзо расиданаш мавриди амал қарор гирифта, бемӯҳлат мебошад.

Шартномаи мазкур дар ______ нусха тартиб дода шудааст, ки мазмун ва қувваи якхела дошта, ба ҳар Иштирокчӣ як нусхагӣ супорида мешавад.

Шартномаи мазкур "_____" ___________ 20__ сол дар шаҳри Душанбе ба имзо расид.

Имзо ва суроғаи Муассисон:

____________________________________________

____________________________________________

____________________________________________

____________________________________________

____________________________________________